*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

Мафҳуми амнияти озуқаворӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳанӯз дар солҳои 70-уми асри гузашта, баъд аз буҳрони ғалла аз тарафи ФАО (Ташкилоти байналмилалии кишоварзӣ ва озуқаворӣ) дохил карда шуд. Яъне аниқтараш ин мафҳум дар шаҳри Рим (пойтахти Италия), дар конференсияе, ки оид ба муаммоҳои ҷойдоштаи озуқаворӣ, ки бо ташабусси ФАО баргузор гардид, баъди ба андозаи қариб 3 маротиба болоравии нархҳои ҷаҳонӣ ба ғалла дар солҳои 1972-1974 дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истифода шуда, соли 1996 дар конфронси ба ин монанд ҳамчун мафҳуми алоҳида мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Аз ин ҷост, ки ба ақидаи муаллиф, дар бораи мафҳуми консепсияи амнияти озуқаворӣ ақида ва фикрҳои мухталиф вуҷуд доранд. Бояд қайд намуд, ки истилоҳи аз забои англисӣ овардашудаи «food security» ҳамчун амнияти озуқаворӣ ва ё таъмини озуқаворӣ тарҷума карда мешавад. Варианти дуюми тарҷумашуда нисбатан аниқ мазмуни ин мафҳумро дар бар гирифта, метавонад таъмини кафолати ҷисмонӣ ва иқтисодии дастрас будани озуқавориро барои ҳар як шахс дар бар гирад.

Фикру андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ (аз он ҷумла руссиягӣ)-ро таҳлил намуда, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки ба ақидаи баъзе аз олимон мафҳуми бештар истифодашавандаи амнияти озуқаворӣ чунин мебошад: «амнияти озуқаворӣ вазъи иқтисодие мебошад, ки дар он кафолати таъмини дастрасии озуқаворӣ барои аҳолӣ дар дилхоҳ вақт, дар миқдоре, ки барои зиндагии фаъол ва солим зарур аст, муайян карда мешавад». Ҳамаи тафсирот ва далелҳои дар боло зикршуда мувофиқати мавзӯи интихобкардаи диссертатсияро муайян намуда, мубрамӣ, рӯзмарра, аҳамияти амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

Дар қатори дастовардҳои дар автореферат овардашуда хубтар мешуд, ҳамзамон муаллиф як таҳлили қиёсӣ оиди нақши ноҳияҳои иқтисодӣ - аз он ҷумла ноҳияи иқтисодии Шимол (вилояти Суғд), ноҳияи иқтисодии Ҷануб (вилояти Хатлон), ноҳияи иқтисоди ВМКБ (Бадахшони кӯҳӣ)-ро дар муқоиса нисбати минтақаи таҳлилшаванда гузаронида, муайян менамуд, ки нақши ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат ба кадом дараҷа арзёбӣ мегардад.

Вале пешниҳоди баррасигардида, хусусияти маслиҳатӣ дошта ба сатҳ ва сифати автореферат таъсири манфии худро расонида наметавонад. Дар маҷмуъ, қайд кардан бомаврид аст, ки аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муқаррароти бунёдии назарияи иқтисодӣ, асарҳои классикони илми иқтисод, асарҳои олимон-иқтисодшиносони ватанию рус оид ба масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ минтақа ташкил медиҳанд. Моҳияти омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзӯи таҳқиқотӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба дастовардаро олимон ва коршиносони ба ҳалли масъалаҳои таҳқиқоти таъмини амнияти озуқаворӣ машғул буда метавонанд мавриди муҳокима қарор диҳанд, зеро ки ин раванди мураккаби тағйирёбии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, ҳалли масъалаҳои гуногунҷанбаи хусусиятҳои иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсӣ доштаро талаб менамояд. Аз ин ҷост, ки омӯзиши минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ - ҳамчун омили асосии ба ҳалли ин ҳадафи стратегӣ таъсиррасон, муайян намудани мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ аҳамияти илмию амалии таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Умуман, автореферат дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Исайнова Манижа Ҳисайновна арзандаи дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Тақриздиҳанда,
д.и.и., профессори кафедраи
иқтисодиёт ва ташкили
соҳибкории Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Ҷамшедов М.

*Имзои д.и.и., профессор Ҷамшедов Маҳмадназарро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ